

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№23 (4919)

ЧОРШАНБЕ, 19 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj




## МАРОСИМИ ҚАБУЛИ ЭЪТИМОДНОМАҲО АЗ САФИРОНИ НАВТАЪИН

**19-уми феврали соли 2025 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эътимодномаҳои сафирони навтаъини як қатор кишварҳои хориҷиро қабул намуданд.**

Зимни маросим ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафирони фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Арманистон Гевондян Армен Вачикович, Босния ва Гертсеговина Нияз Чардаклия, Малайзия Илҳам Туа бин Иллиас, Подшоҳии Испания Луис Франсиско Мартинес Монтес, Давлати Исроил Гидеон Лустиг, Ҷумҳурии Словения хонум Аленка Сухадолник, Ҷумҳурии Чехия Любомир Фреборт ва Ҷумҳурии Федеративии Демократии Эфиопия Ҷамол Боқир Абдулло эътимодномаҳои худро бо паёму дуруд аз роҳбарияти кишварҳояшон тақдим карданд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ сафирони навро ба муносибати оғози фаъолияти дипломатиашон дар ин маснади масъул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфтанд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон бо такя ба Консепсияи сиёсати хориҷии худ ҷиҳати рушду таҳкими ҳамаҷонибаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории судманд бо кишварҳои минтақаҳои гуногуни олам кӯшишҳои пайваста ба харҷ медиҳад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушду таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи судманди Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Арманистон, Босния ва Гертсеговина, Малайзия, Подшоҳии Испания, Давлати Исроил, Ҷумҳурии Словения, Ҷумҳурии Чехия ва Ҷумҳурии Федеративии Демократии Эфиопия андешаронӣ намуданд.

Ба сафирони навтаъин муроҷиат карда, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: «Боиси хушҳолист, ки давлатҳои шумо имрӯз дар сафи дӯстон ва шарикони воқеии Тоҷикистон қарор доранд ва мо ба тавсеаи робитаҳои ҳасана бо онҳо аҳамияти рӯзафзун медиҳем».

Гуфта шуд, ки Тоҷикистон, дар маҷмуъ, ба дурнамои муносибатҳои байнидавлатии худ бо кишварҳои сафиронашон навтаъингардида назари нек дошта, таҳкиму пешбурди минбаъдаи онҳоро муҳим арзёбӣ мекунад.

Тавсеаи ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамраъйиву дастгирии якдигар ва ҳамкории самаранок миёни кишварҳоро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз вазифаҳои умдаи муштараки давлатҳо маънидод намуданд.

Сарвари давлат иброз доштанд, ки ҷониби Тоҷикистон омода аст аз тамоми имконияту зарфиятҳои мавҷуда ва василаву абзорҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ба таври муассир кор бигирад.

Дар хотима Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сафирони нав комёбӣ хоста, ба сарварони давлатҳои онҳо саломи паёми гарм ирсол намуданд.

**www.prezident.tj**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҶАВОНОН

### Чаро тафаккури интиқодӣ барои онҳо зарур аст?

**Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар, ки дар бинои нави мақоми олии қонунгузорӣ ироа гардид, барои ояндаи наздик ва минбаъда самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро муайян намуд.**

Паёми мазкур чун дигар паёмҳои Пешвои миллат номаи ҳидоят барои ояндаи босаодат арзёбӣ мешавад. Чунончӣ, дар қисми муқаддимавӣ Пешвои миллат иброз доштанд: «Амнияти миллӣ ва рушди иқтисодии кишварро таъмин созем, чун халқи мо барои зиндагии шоиста арзанда аст». Воқеан, ин таъкиди Сарвари мамлакат шиори фаъолияти кормандони ҳамаи соҳаҳои кишвар бояд қарор гирад. Яъне, таъмини амнияти миллӣ, вазъи орому босуботи кишвар имкон медиҳад, ки ҳам иқтисодиёт рушд ёбад ва ҳам рӯзгори шоистаи мардуми кишвар таъмин шавад.

Тафаккури интиқодӣ яке аз малакаҳои асосии асри XXI аст, ки ба шахс имкон медиҳад, то иттилоотро таҳлил кунад, хулоса барорад, маълумотро қабул ё рад намояд ё мавқеашро оид ба ин ё он мавзуъ муайян бисозад. Қобилияти оқилона андеша кардан, ки дар асоси он шахс чӣ кор кардан ё ба чӣ бовар карданашро муайян менамояд, тавассути тафаккури интиқодӣ ба даст меояд. Яъне, бо нуқтаи назари интиқодӣ шахс метавонад иттилоотро холисонаю беғаразона таҳлил кунад ва сипас хулосаи оқилона барорад.

Тафаккури интиқодӣ манфиат ва корбурдҳои бисёре дорад. Имрӯз, ки дар сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҳазорон ахбори «фейкӣ» вуҷуд дорад ва истифодабарандагонро ба ақидаю ҳадафҳои хеш моил месозанд, аксар ҷавонон бидуни тафаккури интиқодӣ фирефтаи рекламаю ғояҳои гурӯҳҳои манфиатдор мешаванд. Бинобар ин, тавлиду тақвияти тафаккури интиқодӣ ба ҷавонони тоҷик хеле муҳим аст.



Як бахши муҳими Паёми Пешвои миллат ба ҷавонони кишвар нигаронида шудааст. Президенти мамлакат таъкид намуданд: «Мо аз ҷавонони кишвар умеди бузург дорем, ташаббусҳои созандаашонро минбаъд низ ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем ва аз фаъолияти онҳо ба хотири рушду таҳкими давлатдории миллиамон ҳамеша қадрдонӣ менамоем. Мо минбаъд низ ба ҷавонон ҳамчун неруи боэътимод ва такягоҳи устувор таваҷҷуҳ хоҳем кард, зеро ояндаи миллату давлат аз онҳо вобаста мебошад».

Пешвои миллат, ҳамчунин, афзуданд, ки ҷаҳони пуртазоду нооромии муосир ҷавонони кишварро водор месозад аз таҳаввулоти босуръати ҷаҳон ҳамеша огоҳ бошанд, худ ва ҳамсолонашонро аз таъсири мафкураи радикаливу ифротӣ ва хурофотпарастӣ эмин нигоҳ доранд, барои ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша омода бошанд.

Мавриди зикр аст, ки яке аз сабабҳои тавассути сомонаву моҳвораҳо мағзшӯӣ шудан, зери таъсири ашхоси ҳадафманд мондан, гаравидан ба равияҳои ифротӣ ва тақлиди ҷавонон ба фарҳанги бегона надоштани тафаккури интиқодист. Тафаккури интиқодӣ бар хилофи афкори маъмул баромадан ё ҷустани айб нест, балки як навъ қобилияти тафаккури мустақил ва чандир аст. Таҳаввулоти босуръату пайвастаи ҷаҳони муосир тақозо мекунад, ки ҷавонон барои расидан ба ҳадафҳои хеш бештар заҳматҳои ақлонӣ ба харҷ диҳанд, дар замони таркишҳои иттилоотӣ таҷрибаи таҳлил ва чӣ гуна истифода бурдани онро омӯзанд, ба ҷойи зуд қабул кардани қарор, хулоса баровардан ва пайравӣ намудан санҷанд, ки то чӣ андоза иттилоот, идеяҳо ва матлабҳо дуруст аст, паси ин назарҳо киҳо меистанд ва ҳадафашон чист?

Аз ҷониби дигар, бидуни дониши кофӣ ба таври интиқодӣ фикр кардан ғайриимкон аст. Барои рушди тафаккури интиқодӣ шахс бояд аз донишҳо ва маълумоти зиёд бархӯрдор бошад. Пеш аз баҳодиҳии интиқодӣ мушкилот бояд аз ҳама ҷониб таҳқиқ карда шавад: шахс бояд вазъро дар заминаи рӯйдодҳои дигар бубинад ва бо мурури замон рушди онро пайгирӣ намояд.

Тафаккури интиқодӣ ба ҷавонон кумак менамояд, то тавонанд ба беҳтарин роҳи ҳалли мумкин бирасанд. Як омили хуби тафаккури интиқодӣ дар он аст, ки фардро ҳақбин месозад. Ба ҳодисаҳо дар асоси далелу бурҳонҳои қотеъ баҳо гузоштанро меомӯзад, на аз рӯйи эҳсосот.

Тафаккури интиқодӣ, қабл аз ҳама, кунҷкобиро бармеангезад, кашшофиятро тавлид мекунад, тавоноӣ барои ҳалли масъаларо рушд медиҳад, мустақилиятро парвариш мекунад ва касе ин маҳоратро дар худ тарбия намуд, аз чолишҳои муосир эмин мемонад.

Бояд гуфт, ки боварию эътимоди Роҳбари давлат ба ҷавонони хуштолеи Ватан хеле вижа аст ва дар Паёми навбатӣ изҳор доштанд: «Бовар дорам, ки ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо илму донишҳои замонавӣ, касбу ҳунарҳои муосир ва саъю талоши навҷӯёнаи худ барои рушди илму инноватсия ва боз ҳам таҳким ёфтани нуфузи кишварамон дар арсаи байналмилалӣ саҳми арзишманд мегузоранд».

Ягона роҳи боварию эътимоди Сарвари давлатро соҳиб гаштан хондан, мутолиа кардан, илму ҳунар омӯхтан, ҳувияти миллиро тақвият додан, ба арзишҳои миллӣ ва рамзҳои давлатӣ содиқ будан аст.

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



## ДАСТКАШӢ АЗ АМАЛИЁТИ ҶАНГӢ ЧӢ НАТИҶА ДОРАД?

**Иштирок дар амалиёти ҷангии кишварҳои дигар аз сӯи шаҳрвандони Тоҷикистон ҷинояти вазнин маҳсуб меёбад.**

Ин нуктаро Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-лейтенанти адлия Ҳабибулло Воҳидзода зимни нишасти матбуотӣ иброз дошта, афзуд, ки агар шаҳрвандони кишвар сари вақт аз амалиёти ҷангии дигар давлатҳо даст кашанду ихтиёран ба Ватан баргарданд, аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд.

**Г. РАҲМОНОВА, «Садои мардум»**

## 6031831 СОМОНӢ ҶАРИМА – НАТИҶАИ БЕМАСЪУЛИЯТӢ



**Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Мирзозода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод, ки соли 2024 аз ҷониби мақомоти судӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 1435 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ гардида, 1409 нафар ба маблағи 11 миллиону 95 ҳазору 560 сомонӣ ҷаримабандӣ шуданд.**

Зикр гардид, ки бо мақсади амалӣ намудани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби судҳо 27 ҳазору 782 парванда нисбат ба вайронкунандагони ин қонун баррасӣ шуд. Дар натиҷа, ба 4135 нафар ҷазои огоҳӣ дода шуда, нисбат ба 23 ҳазору 670 нафар ҷарима ба маблағи умумии 6 миллиону 31 ҳазору 831 сомонӣ таъин гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки судҳои кишвар соли 2024 аз рӯи ҳамаи парвандаҳо маблағи боҷи давлатӣ, ҷарима, мусодираи молу мулк, зарари ба давлат расонидаро ба маблағи 125 миллиону 606 ҳазору 63 сомонӣ рӯёнида, ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид намуданд.

**Ф. АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**



## СОЛИ 2024-УМ 448 МЕДАЛ ВОРИД ШУДААСТ

**Соли гузашта 11 ҳазору 26 иншооти варзиш ба қайд гирифта шудааст, ки аз 127 варзишгоҳ, 7 662 майдонча, 2273 толор, 104 ҳавзи шиноварӣ, 89 маркази солимгардонию бошгоҳҳои варзишӣ ва 771 иншооти махсуси варзишӣ иборат мебошад, - иттилоъ дод зимни нишасти матбуотӣ раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфиқор Гулаҳмадзода.**

**- Дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон 42 ҳазору 534 чорабинӣ бо фарогирии 4 миллиону 263 ҳазору 590 нафар ҷавонон баргузор гардид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2023 аз ҷиҳати теъдоди чорабиниҳо 430 адад ва аз лиҳози фарогирӣ 301 ҳазору 126 нафар зиёд мебошад.**

Зикр гардид, ки бори нахуст 6 варзишгари кишвар аз риштаи ҷудо роҳхати Бозиҳои тобистонаи олимпии «Париж - 2024»-ро соҳиб гардиданд, ки ин дастоварди беназир аст. Инчунин, бори аввал дар ҷумҳурӣ бо иштироки 62 давлати ҷаҳон Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштингирӣ доир гардид, ки ин рӯйдод дар таърихи кишварамон саҳифаи нав боз намуд. Муштзанони навраси тоҷик бошанд, аввалин маротиба дар Чемпионати Осиё иштирок намуда, ба хазинаи варзишии кишвар 11 медал, аз ҷумла 4 тилло, як нуқра ва 6 биринҷӣ, ворид намуданд.

Соли 2024 як ҳазору 126 нафар варзишгар, аз ҷумла 354 бонуи узви дастаҳои мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз намудҳои варзиши олимпӣ ва ғайриолимпӣ ба 82 мусобиқаи сатҳи байналмилалӣ сафарбар гардида, ба хазинаи варзишии мамлакат 448 медал, аз ҷумла 134 тилло, 108 нуқра ва 206 биринҷӣ, ворид намуданд, ки нисбат ба соли 2023-юм 87 медал (13 тилло, 22 нуқра ва 52 биринҷӣ) зиёд мебошад.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

## ДАР САДАМАҲО 522 НАФАР ҲАЛОК ГАРДИД



**Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки соли 2024 аз ҷониби ҳамаи субъектҳои баҳисобгирӣ 22315 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки дар қиёс бо соли 2023-юм 996 ҳолат зиёд мебошад. Аз ҷумла, дар ин давра одамкушӣ ва сӯиқасд ба он 75 ҳолат (соли 2023-юм 57 ҳолат), роҳзанӣ - 28 (2023 - 19), ғоратгарӣ - 86 (2023 - 107), таҷовуз ба номус - 41 (2023 - 47), авбошӣ - 1663 (2023 - 1414), дуздӣ - 3858 (2023-4241) ва қаллобӣ 3480 (2023 - 2762) ҳолат ба қайд гирифта шудааст.**

- Соли 2024 аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ 14 гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ дар ҳайати 90 нафар барои содир намудани 67 ҷиноят ошкор гардид. Дар натиҷаи пурзӯр намудани ҳамкорӣ бо аҳолӣ 343 силоҳи оташфишон мусодира карда шуд, ки дар муқоиса бо соли қаблӣ 27 адад зиёд мебошад,- иброз намуд Р. Раҳимзода.

Иттилоъ дода шуд, ки соли сипаригардида дар мамлакат 1233 садамаи нақлиётӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 122 ҳолат бештар аст. Дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ 552 нафар ба ҳалокат расида, 1353 нафар ҷароҳати ҷисмонӣ бардоштанд. Аксар садамаҳои нақлиётӣ аз сабаби баланд кардани суръат, дағалона вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, риоя накардани талаботи чароғаки роҳнамо, дар қатори дуюму сеюми роҳ нигоҳ доштани воситаи нақлиёт ва баромадан ба самти муқобил мебошад.

**С. СУННАТӢ, «Садои мардум»**




## НАҚШАИ АНДОЗҲО ВА ПАРДОХТҲОИ ҲАТМӢ 108,4 % ИҶРО ШУД



**Соли 2024 иҷрои нақшаи тасдиқшудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба андозаи 108,4 фоиз таъмин гашта, ба ҷойи 18 млрд. 851,0 млн. сомонӣ ба буҷет 20 млрд. 426,0 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 1 млрд. 575,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Иҷрои нақшаи воридоти андозҳо дар ВМКБ 108,2 фоиз, вилоятҳои Хатлон - 104,7, Суғд - 104,9, шаҳри Душанбе - 110,5 ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 105,2 фоиз таъмин гардид.**

- Яъне, соли гузашта иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар миқёси ҷумҳурӣ аз рӯи ҳамаи намуди андозҳо пурра ба сомон расонида шуд. Ба ҳолати 1 январи соли 2025 бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ 740,2 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба аввали соли 2024 ба маблағи 65,4 млн. сомонӣ кам мебошад, - иброз дошт зимни нишасти матбуотӣ раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатзода.

Инчунин, иттилоъ дода шуд, ки аз тарафи мақомоти андоз тибқи тартиботи муқарраршуда оид ба рӯёнидани маблағи бақияи қарзи андозҳо аз андозсупорандагони қарздор ба буҷет 1694,6 млн. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба соли 2023-юм 506,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Ҳамзамон, соли гузашта ҳамагӣ 20,5 ҳазор ҳолати ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ ошкор ва шахсони дахлдор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ба онҳо ба маблағи 409,0 млн. сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ гардида, аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби ҷаримаҳои солҳои қаблӣ татбиқшуда ба буҷети ҷумҳурӣ зиёда аз 456,4 млн. сомонӣ маблағ ворид шуд, ки нисбат ба соли 2023-юм 106,7 млн. сомонӣ зиёд аст.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

## ҲАҶМИ САРМОЯИ ХОРИҶӢ 72% БЕШТАР АСТ



**Соли гузашта ҳаҷми сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон 4,9 миллиард доллари амрикоиро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2023-юм 2,1 миллиард доллар ё 72,7% бештар мебошад.**

Дар ин бора Султон Раҳимзода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.

Ба иттилои С. Раҳимзода, 394,3 миллион доллари ин маблағ сармояи мустақими хориҷӣ буда, аз Чин 150,9 млн. доллар, Амрико - 118,9, Британияи Кабир - 51,1, Россия -28,9 ва Қазоқистон 15,7 млн. доллар ворид гардидааст.

Ҳамчунин, аз ҳисоби сармояи воридгардида 84,2 фоиз ба шаҳри Душанбе, 15,5 фоиз ба вилояти Суғд, 0,2 фоиз ба вилояти Хатлон, 0,1-фоизӣ ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон рост меояд.

**Г. РАҲМОНОВА, «Садои мардум»**

## ТО СОЛИ 2040-УМ 2 МИЛЛИАРД НИҲОЛ ШИНОНИДА МЕШАВАД

**Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳодур Шерализода зимни нишасти матбуотӣ изҳор намуд, ки соли 2024 бо мақсади тоза нигоҳ доштани манбаъҳои об ва маҳаллаҳои аҳолинишин, инчунин, баҳри баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ 1604 аксияи «Тозагии соҳил», 2709 аксияи «Тозагии маҳал» ва 2275 аксияи «Тозагии шоҳроҳ» баргузор гардид.**

Зикр гардид, ки бо мақсади саҳмгузорӣ дар татбиқи ташаббуси Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар бораи ба шаҳри сабз табдил додани пойтахти кишварамон 4300 бех ниҳоли дарахтони ороишӣ ва ҳамешасабз шинонида шуд.



- Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар мавсими ниҳолшинонӣ ва кабудизоркунии тирамоҳи соли 2023 ва баҳори соли 2024 ба ҷои 2 миллиону 418 ҳазору 696 бех 3 миллиону 139 ҳазору 504 ниҳол шинонида шуд. Инчунин, бо мақсади ободу зебо гардонидани кӯчаю хиёбонҳо ва гулгаштҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар 14 миллиону 568 ҳазору 860 бех гулу буттаҳо шинонида шуда, 266 ҳазору 647 метри мукааб майсазор гардид,- иброз намуд Баҳодур Шерализода.

Таъкид шуд, ки тибқи «Барномаи давлатии кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат 2 миллиард бех ниҳоли дарахти гуногун шинонида мешавад.

**С. СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## МУШКИЛИ АСОСӢ ДАР НАПАРДОХТАНИ ҲАҚҚИ ХИЗМАТИ ОБРАСОНӢ



**Соли 2024 идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ бо 75292 истифодабарандаи об дар масоҳати 524410 гектар замин шартномаи тарафайни хизмати обрасонӣ ба имзо расонида, ба онҳо мувофиқи дархост 3 миллиарду 724,7 миллион метри мукааб об расониданд. Ин нуктаро директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафарбек Давлатзода дар нишасти матбуотӣ зикр кард.**

Бино ба гуфти ӯ, арзиши хизмати обрасонӣ 179,2 млн. сомониро ташкил дода, аз ҷониби истифодабарандагони об дар ин давра 63 млн. 13,0 ҳазор сомонӣ ҳаққи хизмати обрасонӣ пардохт шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 11,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ ба ҳар гектар замин 7,1 ҳазор метри мукааб об расонида шудааст.

Ҳарчанд идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ӯҳдадории худро дар бобати бо оби полезӣ таъмин намудан пурра иҷро намуда бошанд ҳам, истифодабарандагони об ҳаққи хизмати обрасониро пурра ва сари вақт пардохт накарданд. Бо ин сабаб қарзҳои дебиторӣ афзоиш ёфта, бақияи он бо назардошти солҳои пеш 354,1 млн. сомониро ташкил менамояд.

Иттилоъ гирифтем, ки айни замон дар соҳа панҷ барномаи давлатии соҳавӣ мавриди амал қарор дошта, соли 2024 дар доираи барномаҳо бо харҷи 10 млн.174 ҳазор сомонӣ корҳои мелиоративӣ ба анҷом расида, ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративии 10107 гектар замин беҳтар гардидааст. Илова бар ин, 2711 гектар замини нав бо сарфи 41,0 млн. сомонӣ аз худ шуда, 1352 гектар заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда бо харҷи 2 млн.716,2 ҳазор сомонӣ барқарор ва 33541 метр соҳил мустаҳкам карда шудааст.

**Ш. АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

## ҲАНӮЗ ҲАМ ЗИЁДАРАВИЮ ХУДНАМОӢ ЗИЁД АСТ



**Соли 2024 дар ҳудуди мамлакат вобаста ба риоя нагардидани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 1435 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2023-юм 609 ҳолат зиёд мебошад.**

Аз ин теъдод вобаста ба 1409 ҳолат ҷазо таъин гардида, 26 парванда ҳангоми баррасӣ аз ҷониби судҳо қатъ карда шудааст. Маблағи умумии ҷаримаҳои муқарраргардида 11 миллиону 95 ҳазору 560 сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин 6 миллиону 639 ҳазору 535 сомонӣ рӯёнида шудааст. Дар ин хусус раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Давлатзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Зикр гардид, ки соли 2024 дар ҷумҳурӣ 114 ҳазору 853 маърака ва маросим ба қайд гирифта шуд, ки ин нисбат ба соли қаблӣ 506 маърака кам мебошад. Дар ин давра ба беш аз 6000 маърака тавассути бақайдгирии электронӣ тавсиянома дода шудааст.

- Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар танзими рӯзгори сокинони мамлакат, аз байн бурдани хурофотпарастӣ, расму оинҳои сунъию серхарҷ ва исрофкориҳо иқдоми муҳим ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, то ҳанӯз ҳолатҳои риоя нагардидани тартиби гузаронидани ҷашну маърака ва зиёдаравию худнамоӣ ба назар мерасанд,- иброз намуд Сулаймон Давлатзода.

**С. СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## 16 МУАССИСАИ НАВИ КАСБӢ БУНЁД МЕГАРДАД



**Айни замон дар ҷумҳурӣ 65 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият дошта, соли таҳсили 2024-2025 дар онҳо 16 ҳазору 453 хонанда қабул ва дар умум, 23 ҳазору 500 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ҳамчунин, дар ҷумҳурӣ 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 6 филиал фаъолият менамояд, ки дар онҳо аз рӯйи 10 самт ва 209 ихтисос мутахассис омода карда мешаванд. Дар муассисаҳои мазкур ихтисосҳое таълим дода мешавад, ки имрӯз бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар ба онҳо эҳтиёҷ доранд.**

Дар ин бора раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.

- Тибқи «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» шаҳрвандон барои таҳсил ва ҳунаромӯзӣ баъд аз хатми синфи 9 қабул карда мешаванд ва тамоми қишрҳои ҷомеа, новобаста аз синну сол, метавонанд дар муассисаҳои кумита касб омӯзанд, - афзуд номбурда. - Айни замон дар 16 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла Кӯшониён, Норак, Варзоб, Мурғоб, Ишкошим, Рошткалъа, Ванҷ, Шамсиддин Шоҳин, Темурмалик, литсей ва коллеҷҳо вуҷуд надоранд. Нақша дорем дар ин шаҳру ноҳияҳо чунин муассисаҳоро бунёд намоем.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**

## ВАЗЪИ СОЛИМИИ ЧОРВО МУЪТАДИЛ АРЗЁБӢ ШУД



**Муовини раиси Кумитаи бехатарии озуқаворii назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмуд Ширинҷонзода дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки соли 2024-ум 696427 сар чорвои калони шохдор аз санҷиш гузаронида шуда, дар натиҷа 586 ҳолати гирифтори бемории буғумдард ошкор гардид.**

Ибороз дошт, ки айни замон вазъи солимии чорво дар хоҷагиҳои давлатӣ нисбати бемориҳои буғумдард ва сил нисбат ба солҳои пешин муътадил аст.

Бо мақсади эмин нигоҳ доштани вазъи солимии чорво, таъмини саривақтии чорабиниҳои зиддибемориҳо ва барҳам додани манбаъҳои эҳтимолии сироят дар соли 2024 ба маблағи 4 миллиону 471 ҳазору 914 сомонӣ маводи байторӣ харидорӣ ва ба шаҳру ноҳияҳои кишвар дастрас гардида, аз ин ҳисоб 19 миллиону 427 ҳазору 703 сар ҷонварон эмгузаронӣ шуданд.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**

## ҲАМАДОНӢ. СОДИРОТИ 2162 ТОННА МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ



**Раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Нурулло Мирзозода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки соли 2024 кишоварзони ноҳия ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро ба 1 млрд. 787,5 млн. сомонӣ расониданд, ки нисбат ба соли 2023-юм 168,9 млн. сомонӣ зиёд аст.**

Зикр гардид, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ аз ҷумла, ғалладонагӣ 63282,6 тонна, пахта - 5758,2, картошка - 9400,0, сабзавот- 108163,1, полезӣ - 39893,1, мева - 12675,9, ангур - 1386,7, гӯшт - 10569,8, шир - 2553,6, пилла - 3,1, асал - 38,3 ва моҳӣ 554,7 тоннаро ташкил дод.

Аз ноҳия 2162 тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи кишвар содирот шуд, ки 100,1 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад. То 1-уми январи соли 2025 дар майдони 5471 гектар кишти тирамоҳӣ гузаронида шудааст, ки 107 фоизи нақша аст.

Зикр гардид, ки дар ноҳия 77 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда, дар давраи ҳисоботӣ 18 корхона фаъолият накардааст. Соли 2024 дар ноҳия 5 коргоҳи нави саноатӣ бо таъсиси 26 ҷойи кор мавриди истифода қарор дода шуд.

Ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳия бунёди 380 иншоот ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 280 иншоот ё 73,6 фоизи онҳо сохта ба истифода дода шуданд.

**И. РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## ШАҲРИНАВ. ТАЪМИНИ ДУРНАМОИ КИШТИ ПАХТА ҚАНОАТБАХШ НАБУД



**Соли 2024 дар ноҳия ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 55,6 миллион сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли 2024-ум 1,2 миллион сомонӣ зиёд аст. Нақшаи қисми даромади буҷети ноҳия бошад, 106,3 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 55,4 миллион сомонӣ ворид шудааст, ки аз нақшаи пешбинишуда 3,3 миллион зиёд аст. Ин нуктаро муовини аввали раиси ноҳияи Шаҳринав Одил Анварзода зимни нишасти матбуотӣ иброз дошт.**

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия дар ин давра 743,7 миллион сомониро ташкил додааст, ки ба 109,8 фоиз баробар мебошад. Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 10,7 ҳазор гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ анҷом дода, истеҳсоли ғалладонагӣ ва лӯбиёгиҳо ба 18243 тонна, пахта - 359, 4, картошка - 6316,4, сабзавот - 77528, мева - 12294, гӯшт - 3898 ва шир 13862 тонна расонида шудааст. Танҳо иҷрои дурнамои кишти пахта ғайриқаноатбахш - 76,5 фоиз таъмин гардидааст.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**

## ТАЪСИСИ 2 КАФЕДРАИ НАВ ДАР ДДТТ



**Ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Муҳиддин Нуриддин дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки бо мақсади беҳтар кардани сифати таълим барои соли таҳсили 2024-2025 ду кафедраи алоҳида: рентгенология ва радиология ва забони лотинӣ ташкил шуд.**

Ибороз гардид, ки ҳоло дар донишгоҳ 1626 нафар донишҷӯи хориҷӣ аз 26 давлати дунё дар сатҳи тодипломӣ, баъдидипломии илмӣ ва баъдидипломии муолиҷавӣ таҳсил доранд.

Таҳсил бо се забон - давлатӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шуда, гурӯҳҳои бо забони русӣ таҳсилкунанда 58,89 фоиз, бо забони давлатӣ - 29,38 ва бо забони англисӣ таҳсилкунанда 11,73 фоизро ташкил медиҳанд.

**М. СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

## ВОРИДОТИ ОРД, ГАНДУМУ ШАКАР АФЗУД



**Муовини якуми сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Қурбонзода дар нишасти матбуотӣ зикр намуд, ки соли 2024 аз ҷониби 81 субъекти хоҷагидор ба ҷумҳурӣ 1 миллиону 57,8 ҳазор тонна гандум ворид гардид, ки ин дар қиёс ба соли қаблӣ 34,2 ҳазор тонна ё 3,3 дарсад зиёд аст. Нархи миёнаи 1 тонна гандум 260 доллари амрикоиро ташкил дод.**

Тавре иттилоъ дода шуд, соли 2024 аз ҷониби 37 субъекти хоҷагидор 67,9 ҳазор тонна орд ворид гардид, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли 2023-юм 11,2 ҳазор тонна ё 19,7 дарсад зиёд мебошад.

- Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соли 2024-ум бозори воридоти шакар рақобатпазир буда, иштирокчиёни бозори молӣ 50 субъекти хоҷагидорро ташкил медиҳанд. Нишондиҳандаи мазкур дар қиёс ба соли 2023-юм 2 субъекти хоҷагидор зиёд аст. Дар ин давра ба мамлакат 200,78 ҳазор тонна шакар ворид гардид, ки нисбат ба соли 2023-юм 59,2 ҳазор тонна бештар мебошад, - ибороз намуд Сафаралӣ Қурбонзода.

Мувофиқи таҳлилҳо соли 2024 ҳаҷми воридоти доруворӣ ба ҷумҳурӣ дар муқоиса бо соли қаблӣ 420,3 тонна ё 2,7 дарсад афзоиш ёфтааст. Дар ин давра ба ҷумҳурӣ аз 60 кишвар доруворӣ ворид шудааст, ки 45,86 дарсади он ба Ҷумҳурии Ҳиндустон, 20,82 дарсад ба Федератсияи Россия, 8 дарсад ба Ҷумҳурии Полша, 7,36 дарсад ба Ҷумҳурии Мардумии Чин ва боқимонда ба 56 кишвари дигар рост меояд.

**С. СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## ВАРЗОБ. 8 КОРХОНА АЗ ФАЪОЛИЯТ БОЗМОНД

**Соли 2024 нақшаи даромади буҷети ноҳияи Варзоб бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 69,3 миллион сомонӣ иҷро гардид, ки нисбати нақша 8,6 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Дар ноҳия 20 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда, дар давраи ҳисоботӣ 8 корхона бинобар муфлисшавӣ фаъолият накардааст. Корхонаҳо ба истеҳсоли маҳсулоти саноатию сохтмонӣ машғул шуда, ба маблағи 95,3 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд. Ҳамчунин, дар ин давра 4 корхонаи нав ба қайд гирифта шудааст. Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ раиси ноҳияи Варзоб Хусрав Даминзода иттилоъ дод.**

- Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 192,5 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки ба 103,8 фоиз баробар аст. Сабаби аз нақша барзиёд иҷро гардидани маҳсулоти кишоварзӣ мусоид омадани зимистони солҳои 2023-2024, риояи хуби қоидаҳои агротехникӣ, аз сармо эмин нигоҳ доштани ҳосили ангур ва дигар меваҷот мебошад, - гуфт Х. Даминзода.



Дар ноҳияи Варзоб ҷиҳати дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмиру сохтмони 158 иншоот ба нақша гирифта шудааст, ки то имрӯз 90 иншооти гуногуни ҷашнӣ (76,1 фоиз) мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Айни замон сохтмони беш аз 50 иншооти дигар идома дорад.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**

*Ҷавҳари сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ҷорӣ кардани меъёрҳои ҷаҳонӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳибкасб мебошад.*

**Эмомалӣ РАҲМОН**




# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА – ПАДИДАИ ФАРҲАНГИИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ



**Дар даврони соҳибистиқлолӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри наздик ҷойгиркунонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба вилоятҳо ва дар ин замина тайёр намудани мутахассисони варзидаи асри XXI заҳматҳои зиёд ба харҷ доданд. Ба ин маъно таъсиси Донишгоҳи давлатии Данғара далели муътамад шуда метавонад. Донишгоҳ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми майи соли 2013, таҳти №205, дар пояи филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дар ноҳияи Данғара таъсис ёфта, рисолати худро дар ҷомеа пайгирона иҷро менамояд. Аксари хатмкунандагони донишгоҳ имрӯз дар муассисаҳои илмию таълимӣ ва вазорату идораҳои ҷумҳурӣ фаъолияти самарабахш доранд.**



**ХАЙРЗОДА Шукурулло Қурбоналӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара**



Бинои нави таълимии донишгоҳ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохта ба истифода дода шудааст, ки аз ҷиҳати симои меъморӣ назираш дар ҷумҳурӣ нест. Бояд афзуд, ки сохтмони бинои муҳташами донишгоҳ аз моҳи марти соли 2008 оғоз гардида, дар рӯзҳои таҷлили 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода дода шуд. Донишгоҳ дар шакли маҷмааи таълимӣ (кампус) бунёд ёфта, аз бинои асосӣ, инчунин, 2 хобгоҳи нуҳошёна бо беш аз 2000 ҷойи хоб барои донишҷӯён, 3 бинои истиқоматии панҷошёна бо 60 ҳуҷра барои омӯзгорон, толори варзиш бо 450 ҷойи нишаст, толори зебову муналққаши фарҳангӣ бо 530 ҷойи нишаст, ошхона бо 300 ҷойи нишаст, китобхона барои нигоҳдории 650 ҳазор китоб ва дигар иншооти ёрирасон иборат аст, ки барои 4 ҳазор нафар донишҷӯ дар як баст пешбинӣ шудааст. Ифрасохтори донишгоҳ имкон медиҳад, ки устодон ва шогирдон дар робитаи мустақим ва доимӣ қарор дошта, вақти худро бештар ба таълиму тарбия ва омӯхтани донишҳои замонавӣ сарф намоянд.



Маълум аст, ки Ҳукумати мамлакат дар сиёсати стратегии худ аз рӯзҳои аввали сулҳу оромӣ ва устувор гардидани пояҳои ваҳдати миллӣ ба соҳаи илму маориф афзалияти бештар дода, як силсила барномаҳо ва консепсияҳои муҳимро қабул намудааст. Раёсати донишгоҳ барои дар амал татбиқ намудани сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф аз оғози фаъолият ба таълими бисёрзина гузашта, нақшаҳои нави таълимиро барои ҳар як зинаи таҳсил дар заминаи дастовардҳои олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар таҳия намудааст. Сохтор ва зерсохторҳои донишгоҳ низ вобаста ба ислоҳоти соҳаи маориф таҷдид гардида, мутобиқ ба мақоми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ташкил карда шудаанд.

Аз оғози соли таҳсили 2024-2025 таълиму тарбияи мутахассисон дар 7 факултет, маркази таҳсилоти фосилавӣ, 25 кафедраи тахассусӣ ва 1 кафедраи умумидонишгоҳии ҳарбӣ аз рӯи 77 ихтисос дар асоси низоми бисёрзинагии таҳсилот ба роҳ монда шуд.



**Тибқи замимаи нави «Иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ» дар назар аст, ки соли таҳсили 2025-2026 ба донишгоҳ аз рӯйи 47 ихтисоси рақобатпазир ба бозори озоди меҳнат чӣ дар дохили кишвар ва чӣ берун аз он довталабон ба таҳсил фаро гирифта шаванд:**

1-010102-06 – Таҳсилоти томактабӣ. Равоншиносии амалӣ, 1-230104 – Психология, 1-010201 – Таҳсилоти ибтидоӣ, 1-030201 – Тарбияи ҷисмонӣ, 1-310501-01 – Химия (фаъолияти илмию истеҳсолӣ), 1-020406-01 – Химия. Биология, 1-310501-02 – Химия (фаъолияти илмию педагогӣ), 1-310301-02 – Математика (фаъолияти илмию педагогӣ), 1-310401-03 – Физика (фаъолияти илмию педагогӣ), 1-020402 – География, 1-310101-02 – Биология (фаъолияти илмию педагогӣ), 1-310101-03 – Биология (биотехнология), 1-540101-04 – Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук), 1-50010101 – Ресидани нахи табиӣ, 1-50010106 -Технологияи корхонаҳои дӯзандагию нассоҷӣ, 1-740201 – Агрономӣ, 1-540101-05 – Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯроквории), 1-740372 – Тибби байторӣ-фарматсевт, 1-740302 – Тибби байторӣ, 1-33010101 – Экологияи умумӣ, 1-210501 – Забон ва адабиёти тоҷик, 1-230108 – Рӯзноманигорӣ, 1-21050208 – Забони хориҷӣ (забони англисӣ), 1-210502 – Филологияи рус, 1-70040101 – Сохтмони гидротехникӣ, 1-70040103 – Сохтмон ва истифодабарии неругоҳҳои барқи обӣ, 1-51010104 – Геология, ҷустуҷӯ ва иктишофи конҳои нафту газ, 1-690101 – Меъморӣ, 1-430103 – Таъмини барқ (аз рӯи соҳаҳо), 1-40010101 – Системаи компютерӣ ва интернет-технология, 1-310304 – Информатика, 1-25010401 – Молия, 1-25010202 – Иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ, 1-25 01 04 02 – Кори бонкӣ, 1-25010403 – Андоз ва андозбандӣ, 1-250108 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит, 1-250111 – Аудит ва ревизия, 1-250107 – Иқтисодиёт ва идора дар корхона, 1-250103 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ, 1-930101 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, 1-960101 – Хадамоти гумрукӣ, 1-240101 – Ҳуқуқи байналмилалӣ, 1-260101 – Идораи давлатӣ, 1-230101 – Муносибатҳои байналмилалӣ, 1-2301060103 – Сиёсат ва идораи давлатӣ, 1-020102 – Таърих. Ихтисоси иловагӣ (ҳуқуқ), 1-21030101 – Таърих (ватанӣ ва умумӣ).

Дар донишгоҳ 263 нафар омӯзгорон, аз ҷумла 3 доктори илм, 59 номзади илм ва дотсент, 85 муаллими калон ва 116 ассистент, ҳамчун кормандони асосӣ фаъолият доранд. Феълан дар донишгоҳ 8006 нафар донишҷӯ дар зинаи бакалавр ва магистр таҳсил доранд, ки аз ин теъдод 862 нафар аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошанд.

Дар бинои нави таълимӣ маркази иттилоотӣ ва тарғиботии мавҷҳои радио ва телевизионии «Амри вақт» (Веление времени, Command of time), маркази технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, маркази тестӣ ва бақайдгирӣ, шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият, шуъбаи табъу нашр ва парки инноватсионию технологӣ амал мекунанд.

**Дастовардҳои муҳими донишгоҳ дар соли 2024 ва оғози соли 2025 инҳоянд:**

а) таҳияи «Стратегияи рушди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» барои солҳои 2024-2028»;

б) ишғоли 3 ҷой (1 ҷойи дуюм ва 2 ҷойи сеюм) дар Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ва ишғоли ҷойи 3-юм дар Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман»;

в) аз аккредитатсияи институтсионалии байналмилалӣ гузаштани донишгоҳ;

г) фароҳам овардани шароити мусоид ва ҳавасмандгардонии ҳайати омӯзгорон, аз ҷумла ба 12 нафар (2 нафар рисолаи докторӣ, 10 нафар рисолаи номзадӣ) омӯзгороне, ки рисолаҳои илмии худро дифоъ намуданд;

ғ) тасдиқи 2 лоиҳаи илмӣ-фармоишӣ аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба маблағи 832 827 сомонӣ, таҳия ва пешниҳоди 2 лоиҳаи грантӣ ба шарикони рушд;

д) ба андозаи назаррас зиёд шудани теъдоди созишномаҳои ҳамкорӣ дар самти мубодилаи академии донишҷӯён.







**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 427184 | Муассисаи давлатии таълимии томактабии №4-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 40 | 10.03.2025 15:05:35 |
| 2 | 427183 | Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №32»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 10.03.2025 15:20:00 |
| 3 | 427185 | Муассисаи давлатии таълимии томактабии №14-и ноҳияи Спитамени вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 10.03.2025 15:25:00 |
| 4 | 427187 | Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии №14-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 10.03.2025 15:35:00 |
| 5 | 427188 | Маркази саломатии шаҳри Исфара | Маводҳои безараркунанда | Озмуни кушод | Мол | 4 | 10.03.2025 15:40:00 |
| 6 | 427190 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 10.03.2025 15:46:46 |
| 7 | 427191 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистон №13»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 8 | 10.03.2025 15:55:35 |
| 8 | 427192 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Батартибдарории ҳудуди МД «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои ДИП ҶТ» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.03.2025 16:10:00 |
| 9 | 427193 | Мактаб-интернати №2 дар шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 10.03.2025 16:30:45 |
| 10 | 427196 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Азнавсозӣ ва таъмири ҷории даромадгоҳи асосӣ, гузаргоҳи ошёнаҳои 1- 2 юм ва утоқҳои корӣ дар бинои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.03.2025 08:50:00 |
| 11 | 427195 | Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии муоина ва назорати тиббии варзишгарон»-и шаҳри Душанбе | Моноблок | Озмуни кушод | Мол | 1 | 11.03.2025 09:25:47 |
| 12 | 427197 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагӣ, канселярӣ, сантехникӣ ва электротехникӣ, молҳои нарм, телефонҳо, лавозимоти компютерӣ, пойафзол ва асбобҳо | Озмуни кушод | Мол | 155 | 11.03.2025 09:45:25 |
| 13 | 427198 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорию барқӣ, прожекторҳо, лавозимоти варзишӣ, прожекторҳо ва қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 11.03.2025 10:00:00 |
| 14 | 427199 | Филиали Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб | Таҷдиди бинои Муассисаи давлатии «Китобхонаи оммавии вилояти Хатлон ба номи Садриддин Айнӣ дар шаҳри Кӯлоб» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.03.2025 11:04:25 |
| 15 | 427200 | МДТМ «Интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоишашон суст ва деркаршудаи ноҳияи Рӯдакӣ» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 11.03.2025 11:41:22 |
| 16 | 427203 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Фурнитура барои либоси низомӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 11.03.2025 13:30:56 |
| 17 | 427206 | МД «Маҷмааи тандурустии Истиқлол» | Таҷҳизоти нарм, халтаҳои пластикӣ ва халатҳои тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 11.03.2025 13:50:00 |
| 18 | 427205 | Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ ва таҷҳизоти рӯшноӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 11.03.2025 14:00:00 |
| 19 | 427207 | Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилҳо | Озмуни кушод | Мол | 60 | 11.03.2025 14:00:00 |
| 20 | 427208 | МД «Маҷмааи тандурустии Истиқлол» | Сӯзишвории дизелӣ ва бензин | Озмуни кушод | Мол | 2 | 11.03.2025 14:00:00 |
| 21 | 427202 | Муассисаи «Кӯдакистони №2-и ноҳияи Данғара» | Хӯрокворӣ, молҳои хоҷагӣ, канселярӣ ва гипохлорит | Озмуни кушод | Мол | 37 | 11.03.2025 14:08:59 |
| 22 | 427211 | Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №9 оиди бокс»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №9 оиди бокс»-и шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.03.2025 14:15:00 |
| 23 | 427213 | Муассисаи давлатии «Наврӯзгоҳ» | Сӯзишвории дизелӣ ва бензин | Озмуни кушод | Мол | 2 | 11.03.2025 14:18:00 |
| 24 | 427212 | МД «Маҷмааи тандурустии Истиқлол» | Қисмҳои эҳтиётии автомобилҳо | Озмуни кушод | Мол | 49 | 11.03.2025 14:30:00 |
| 25 | 427214 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии № 13» | Таъмири ҷории бино | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.03.2025 14:30:00 |
| 26 | 427215 | Муассисаи давлатии «Идораи сохтмони асосӣ» | Корҳои лоиҳакашии сохтмони бинои беморхонаи минтақавӣ дар деҳаи Зардолубоғи ноҳияи Восеъ | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 11.03.2025 14:40:00 |
| 27 | 427216 | Муассисаи давлатии «Идораи сохтмони асосӣ» | Корҳои лоиҳакашии сохтмони маркази саломатӣ бо 10 кати таваллудӣ дар деҳаи Корези ноҳияи Данғара | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 11.03.2025 15:00:00 |
| 28 | 427217 | Муассисаи давлати «Қасри теннис» ва Маҷмааи варзиши обии МИҲД-и шаҳри Душанбе | Сачоқҳо, таҷҳизотҳо ва молҳои варзишӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 11.03.2025 15:00:00 |
| 29 | 427201 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино»-и шаҳри Душанбе | Насосҳои обӣ, шишаи пухта, моеъҳои шӯянда, плафонҳо, тахтасанги гранитӣ ва рӯшноидиҳандаҳо | Озмуни кушод | Мол | 18 | 11.03.2025 15:45:45 |
| 30 | 427218 | Филиали Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб | Сохтмони бинои маъмурӣ дар ҷамоати деҳоти Фархор дар ноҳияи Фархор | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.03.2025 15:57:41 |
| 31 | 427194 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявӣ ба номи Нурматови шаҳри Хуҷанд» | Таъмири толори ошхона ва ҳуҷраҳои табобатии №1-и бинои МД «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявӣ ба номи Нурматови шаҳри Хуҷанд» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.03.2025 19:36:47 |
| 32 | 427189 | Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» | Видеокамераҳо ва таҷҳизотҳои студиявӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 19.03.2025 15:50:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

**Раёсати Донишгоҳи давлатии Данғара барои ишғоли вазифаи мудири кафедра тибқи «Низомнома дар бораи ба тағри озмун ишғол намудани вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» (қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2011 таҳти №21/21) аз рӯйи ҷадвали зерин ОЗМУН эълон менамояд:**

| № | Номи кафедра | Мудири кафедра, доктори илм, профессор, номзади илм, дотсент |
|---|---|---|
| 1 | Иқтисод ва идора | 1 |
| 2 | Методикаи таълим ва таҳсилоти ибтидоӣ | 1 |
| 3 | Агротехнология | 1 |
| 4 | Биология ва биотехнология | 1 |
| 5 | Забон ва адабиёти рус | 1 |
| 6 | Информатика ва технологияҳои рақамӣ | 1 |
| 7 | Муҳандисӣ ва энергетика | 1 |
| 8 | Сохтмон ва меъморӣ | 1 |
| 9 | Сиёсатшиносӣ ва идораи давлатӣ | 1 |
| 10 | Хадамоти гумрукӣ | 1 |

**Талабот ва ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун:**

1. Ариза ба номи ректори донишгоҳ;
2. Тавсифнома аз ҷойи кори охирин;
3. Шарҳи ҳол, варақаи шахсӣ (маҷмуи ҳуҷҷатҳои кадрӣ);
4. Маҳорати кор бо барномаҳои Microsoft Office (ҳадди ақал: Microsoft Word, Microsoft Excel, Microsoft PowerPoint);
5. Нусхаи шиноснома, дипломи номзадӣ ва докторӣ (дипломи дотсентӣ ва профессорӣ, агар бошад);
6. Сурати андозаи 3х4 – 2 дона;
7. Рӯйхати маводи мунташиршудаи илмию методӣ.

**Барои маълумоти иловагӣ бо телефонҳои зерин муроҷиат намоед:**
(+992) 907 77 76 02, (+992) 918 28 54 94, (+992) 93 133 07 77, (992) 98 710 36 23.


## Запрос на подачу конкурсных заявок

**Инвестиционный проект по водоснабжению и санитарии, Республика Таджикистан**

WSIP-W-PMU/001: «Строительство магистрального трубопровода от DCH1 до DCH2 от PK0+00 до PK256+00 в Балхинском районе (2 ЛОТА). ЛОТ-1. Строительство магистрального трубопровода от ПК0+00 до ПК125+30 в Балхинском районе (12,53 км). ЛОТ-2. Строительство магистрального трубопровода от ПК125+30 до ПК256+00 в Балхинском районе (13,07 км)

**Для получения полной информации отсканируйте QR-код**


## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Чаманзор (собиқ Мир), хонаи №9, ба Раҳимова Бону додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи хориҷӣ бо силсилаи А00489905 таҳти №01756289, ки онро Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 7 майи соли 2024, ба Рауфи Абдул Матин додааст, эътибор надорад.

✓ Маълумотномаи маъюбии гумшуда таҳти №ВТЭ-1 1724, ки онро Вазорати тандурустии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (собиқ Вазорати ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон) 8 апрели соли 1999 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, маҳаллаи Деҳнаваки боло, хонаи 37, ба Эшниёзова Гул Бобокалоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2023, ба Давлатов Алиҷон Абдураҳмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2023, ба Раҳимӣ Дорюши Абдуҷаббор додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2021, ба Тулиев Ҷасурбек Умедҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ронандагӣ гумшуда силсилаи АА1241876, ки онро ШБИ РБДА ВКД ҶТ 17 марти соли 2022, ба Тулиев Ҷасурбек Умедҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии №А01845719, ки онро ШВКД дар ноҳияи Қубодиён 17 апрели соли 2019, ба Тулиев Ҷасурбек Умедҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0914408, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №81-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2021, ба Сафаров Алиҷон Илҳомович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус (РМА 185098428), ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Саидов Нурулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус (РМА 245122287), ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Мехрубони Абдурахим додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи хатми синфи нуҳуми силсилаи Т-АТА №0376630, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2016, ба Мавлянов Мақсуд Мансурович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандӣ, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Аслонова Зулҳия Сафарбековна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандӣ, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Бобекова Марям Дилшодовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ №0226058, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №77-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2009, ба Боймирзоев Ёқубҷон Комилҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда барои мағоза бо рақами инвентарии 16026, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Ҳисор 18 марти соли 2024 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати Деҳқонобод, деҳаи Хоҷамӯсо, ба Салимов Алишер додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Оббар» (РЯМ 1210015685, РМА 120046234), ки онро дар Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 10-уми ноябри соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.


Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз маќолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 19 феврали соли 2025, соати 13:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34345 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97